*Ба ҳуқуқи дастнавис*
***УДК: 891.550***

**ҶУРАЕВА ХУБОНГУЛ**
**ЁРМАҲМАДОВНА**

# МИРЗО ОЛИМҶОН ҲАСРАТИ ҲИСОРӢ ВА МУҲИТИ АДАБИИ ҲИСОР ДАР АСРҲОИ XVIII-XIX

**Ихтисос: 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

## А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои филологӣ**

Душанбе – 2019

**Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омода гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода,** доктори илмҳои филология, профессор

**Муқарризони расмӣ:** **Шарофзода Гавҳар,** доктори илмҳои филология, дотсент

**Низомов Муҳриддин,** номзади илмҳои филология, дотсент

**Муассисаи пешбар:** Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АИ ҶТ

Ҳимоя «31» октябри соли 2019, соати $13^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор мегардад (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121).

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tgpu.tj ва китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _________ соли 2019 фиристода шудааст.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.ф., дотсент** **Мирзоалиева А.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ.** Дар таърихи тамаддун, фарҳанг ва адабиёти тоҷик водии Ҳисор нақши босазо дорад. Дар тӯли таърих аз ин водии зархез шоирону нависандагон, уламову урафо, хаттотону ҳунармандони касбу ҳунарҳои мухталиф бархоста, ҳар як дар рушди фарҳанг ва адабиёти миллӣ нақши муҳим гузоштаанд. Доираи адабии Ҳисор баъд аз Самарқанду Бухоро яке аз ҳавзаҳои муҳими адабӣ дар Мовароуннаҳр ҳисоб меёфт. Ҳавзаи адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX ва рӯзгору осори шоирони ин водӣ ба тавре ки шоиста аст, мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Аз ҷумла рӯзгор ва мероси адабии Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX ниёз ба тадқиқи ҷудогона дорад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи рӯзгору осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX метавонад дар шинохти воқеии адабиёти тоҷик дар ин водӣ хидмати арзанда кунад.

Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ аз шоирони маъруфи адабиёти охири садаи XVIII ва ибтидои садаи XIX-и водии Ҳисор маҳсуб меёбад, ки аз худ мероси адабии арзандае боқӣ гузоштааст. Муаллифони сарчашмаҳои адабие, ки аз Ҳасрат ёд кардаанд, ӯро ба сифати шоири тавонои ширинсухан сутудаанд. Ҳасрати Ҳисорӣ дар замоне по ба арсаи фаъолияти эҷодӣ ниҳодааст, ки ба сабаби авзоъи нобасомони сиёсию иҷтимоӣ дар ҷомеа қадри сухану суханвар намонда буд. Авзои нобасомони даврон дар ашъори ин шоири дардошно тасвири бадеии худро ёфтааст. Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ зиндагонии зоҳидонае дошта ва дар ашъораш аслан ҳамон суннатҳои адабии адабиёти классикиро идома додааст. Дар замони зиндагии шоир дар Мовароуннаҳру Хуросон сабки ҳиндӣ, алалхусус ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил нуфузи зиёд дошт ва бино ба қавли муҳаққиқон, мелоки санҷиши ҳунар шеъри Бедил буд. Ҳасрати Ҳисорӣ низ аз ин миён истисно набуд ва чанд шеъре дар тақлиди Бедил сурудааст.

Барои ҳалли комили мавзӯъ саъй намудем, то заминаҳои фарҳангии замони зиндагии Ҳасрат, проблемаҳо

ва мавзӯъҳои асосии адабиёт дар он шаҳру навоҳие, ки шоир зиндагӣ кардааст, иртиботаш бо ҳокимону амирон ва робитаҳояш бо шоирони ҳамасраш муайян намоем, то ба ин васила ба шарҳи илмии рӯзгори шоир ноил гардад. Барои таъйини мақоми шоир дар таърихи адабиёти тоҷик давраҳои ташаккули шахсияти Ҳасрат ба ҳайси шоири орифи исёнгар, таркиби жанрӣ, мундариҷаи ғоявии ашъори ӯ, сабку услуби эҷод, шеваи хоси суханварӣ, таъсирпазириаш аз шуарои пешин ва ҳамсуханиаш бо муосирин мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Илова бар ин, мундариҷаи ғоявии ашъори Ҳасрат, сабки шеваи сухан ва ҷаҳонбинии ӯ бо шоирони ҳамасраш муқоиса шудааст. Ин ҳама имкон дода, ки муҳити адабии водии Ҳисор дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX муайян шавад ва мақоми Ҳасрат дар таърихи адабиёти тоҷикӣ таъйин гардад, ки интихоби мавзӯъ низ аз ҳамин ҷост.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Доир ба водии Ҳисор ва суханварону намояндагони илму адаби он дар як қатор сарчашмаҳои адабию таърихӣ сухан рафтааст. Аз ҷумла Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ», Алишери Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис», Мирзо Муҳаммади Ҳайдар дар тазкираи «Таърихи Рашидӣ», Мавлавӣ Ҳусайни Сабо дар «Рӯзи равшан», Малеҳои Самарқандӣ дар «Музаккир-ул-асҳоб», Мирзо Абдулазими Сомӣ дар «Миръот-ул-хаёл», Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар «Туҳфат-ул-аҳбоб» ва устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар бораи доираи адабии Ҳисор ва баъзе намояндагони адабиёт ва илму ҳунари он маълумот додаанд.

Дар бораи рӯзгор ва осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ аз сарчашмаҳои тоинқилобӣ танҳо Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва Мирсиддиқ Ҳашмат маълумот додаанд [4, 55]. Устод С. Айнӣ дар китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» дар бораи Ҳасрат маълумоти кӯтоҳе бо зикри намунаи ашъор оварда, дар шеъру шоирӣ ҳунару истеъдоди баланд доштани ӯро қайд кардаанд [9, 218]. Шоир ва донишманди тоҷик Абдусалом Деҳотӣ Ҳасратро аз ҷумлаи шоирони боистеъдод муаррифӣ намудааст [1, 302]. Расул Ҳодизода дар баробари шоирони дигари водии Ҳисор аз Ҳасрат ёд намуда, шеъри ӯро дорои мазомини шикваву шикоят ва танқиди ҳокимони замон медонад [12, 27]. Амирбек Ҳабибов

баъд аз омӯзиши адабиёти навоҳии кӯҳистон аз баёзу тазкираҳо ва дигар сарчашмаҳо доир ба 38 нафар шоирони асри XVII-XIX-и водии Ҳисор, аз ҷумла Ҳасрати Ҳисорӣ маълумот дода, намунаҳои осорашонро ба нашр расондааст [10, 13). Дар асари «Шоирони Мовароуннаҳр»-и Алии Муҳаммадии Хуросонӣ низ доир ба рӯзгору ашъори Ҳасрат маълумоти мухтасар оварда шудааст [3, 468]. Шодибек Собирӣ дар китоби «Доираи адабии Ҳисор» доир ба рӯзгор ва осори 64 нафар адибони Ҳисор, аз ибтидои асри X то аввали асри XX маълумоти мухтасар додааст, ки яке аз онҳо Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорист [15, 64). Имомиддин Раҳимӣ дар навиштаи худ аз Ҳасрати Ҳисорӣ ёд карда, ӯро "шоир, донандаи шеъру ғазал, наққош ва қории Қуръони Карим" медонад, ки дар синни 36-солагӣ, дар айни камолот фавтидааст [16, 3]. Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» дар бораи рӯзгор ва осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ маълумоти мухтасар дарҷ шудааст [17, 374].

Новобаста ба ҳамаи инҳо, то кунун доир ба муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX ва рӯзгору осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ тадқиқоти ҷомеъ ва яклухти адабиётшиносӣ навишта нашудааст. Аксари мақолоти зикршуда, маълумоти умумӣ-муаррифӣ дошта, аз Ҳасрат ба сифати намояндаи ин давра ёд шуда, намунаи ашъораш зикр гардидааст.

Бо назардошти ин ҳама, муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX ва рӯзгору осори Ҳасрати Ҳисорӣ ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Маълумоти сарчашмаҳои илмию адабӣ ва нусхаҳои мутааддади ашъори шоир, ки дастраси мост, имкон медиҳанд, ки муҳити адабии водии Ҳисорро дар ин давра ба дурустӣ бишносем ва мақоми адабии Ҳасратро дар адабиёти тоҷикӣ таъйин намоем.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқ.** Барои ҳалли мавзӯи тадқиқ масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтанд:

- Дар асоси иттилои сарчашмаҳои мавҷуда ва асарҳои тадқиқотӣ таҳқиқ ва муайян намудани ташаккулу таҳаввули адабиёти форсу тоҷик дар доираи адабии Ҳисор ва рӯзгору осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ;
- муайян намудани вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX;

- баррасии мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии осори шоирони ҳамасри Ҳасрати Ҳисорӣ ва вазъи доираи адабии Ҳисор дар ин аҳд;

- муқоисаву муқобалаи ахбори маъхазҳои адабию таърихӣ ва баррасии натоиҷи тадқиқоти донишмандони муосир оид ба шарҳи ҳоли Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва эҷодиёти ӯ;

- муаррифии нусхаҳои дастнависи ашъори Ҳасрат, ки дар китобхонаҳои кишварҳои мухталиф, аз ҷумла китобхонаҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Русия маҳфуз мондааст ва нишон додани арзиши илмии онҳо.

- таҳлилу баррасии мавзӯъ ва муҳтавои ашъори Ҳасрат:

- нишон додани ҳунари шоирии Ҳасрат дар ҳар як жанри шеърӣ, аз ҷумлаи ғазал ва мухаммас;

- баррасии сохтор ва созмони дохилии намуди шеърии «титол»-и Ҳасрат;

- баррасии андешаҳои ирфонии шоир;

- баррасии ҷаҳонбинӣ ва таъсирпазирии Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ аз шоирони пешин, аз қабили Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Хаёлии Бухороӣ, Калими Кошонӣ ва дигарон;

- тайини мақоми Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ дар таърихи адабиёти тоҷики асрҳои XVIII-XIX.

**Бозёфтҳои илмии диссертатсия.** Дар рисола бори аввал муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX ва рӯзгору осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор гирифтааст. Дар раванди кор нақши ҳавзаи адабии Ҳисор дар таҳаввули адабиёти тоҷик ва мақоми Ҳасрати Ҳисорӣ дар ин адабиёт ба таври илмӣ собит шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Ҳангоми ҳалли проблемаҳои фавқ аз усулу равишҳои таҳқиқи таърихӣ-қиёсӣ, назари объективӣ ба маводи адабӣ, истифодаи поэтикаи суннатӣ, меъёрҳои матншиносӣ, методи таҳлили системӣ ва равишҳои оморию тадбиқӣ истифода карда, ҳамчунин аз таҷрибаи донишмандони варзидаи Тоҷикистону Русия, Эрону Ҳинд ва мамолики Аврупо чун С. Айнӣ, Забеҳуллоҳ Сафо, Е. Э. Бертелс, Каримов У., Р. Ҳодизода, А. Деҳотӣ, А. Мухторов, А. Афсаҳзод, А. Сатторзода, Ғ. Ғоибов, А. Ҳабибов, Мардонов

А., Неъматов Н., А. Аёрис, В. С. Соловев, Ш. Р. Исрофилниё ва дигарон истифода намудаем.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои таҳқиқи рисола ашъори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ, баёз, ҷунг, тазкира ва дигар маҷмӯаҳое, ки ашъори шоирони ин даврони водии Ҳисор, алалхусус ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ дарҷ шудааст, сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва асару мақолоти илмӣ, ки доир ба муҳити адабии водии Ҳисор баҳс намудаанд, мебошад. Ҳамчунин ҳангоми баррасии таъсирпазирии Ҳасрати Ҳисорӣ аз шоирони пешин, ашъори шоироне чун Саъдиву Ҳофиз, Камоли Хуҷандиву Хаёлии Бухороӣ ва алалхусус Абдураҳмони Ҷомию Абдулқодири Бедил ва Соиби Табрезӣ ба ҳайси обекти таҳқиқ истифода шудаанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии рисола.** Натоиҷи тадқиқотро метавон дар навиштани китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, курсу семинарҳои ихтисос аз таърихи адабиёти тоҷик барои донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон истифода бурд. Ҳамчунин дастовардҳои илмии рисола дар навиштани таърихи водии Ҳисор ва накши ин водии шоирхез дар тамаддуни мардуми тоҷик метавонад муфид бошад.

Илова бар ин, бори аввал маҷмӯаи нисбатан мукаммали ашъори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисориро нашр намудаем, ки дар шинохт ва муаррифии шоир судманд хоҳад буд.

**Масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- Таъйини ҷойгоҳи водии Ҳисор, алалхусус адабиёти асрҳои XVIII-XIX ин водӣ дар такомул ва таҳаввули адабиёти тоҷик;

- баррасии таҳқиқоти донишмандони муосир бо диди интиқодӣ ва барқарор кардани шарҳи ҳоли илмии Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ;

- муқоисаву муқобалаи дастнависҳои ашъори Ҳасрат ва барқарор сохтани нусхаи асили осори шоир аз нигоҳи матншиносии муосир;

-бо диди интиқодӣ омӯхтани ашъори матбӯи Ҳасрат ва баррасии матни илмию интиқодии осори ӯ;

- баррасии ашъори шоир аз нигоҳи мавзӯю муҳтаво;

- таҳлилу баррасии ашъори Ҳасрат аз лиҳози корбурди анвоъи адабӣ ва хасоиси суварию маъноии онҳо;

- баррасии таъсирпазирии Ҳасрат аз шоирони пешин, амсоли Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Хаёлии Бухороӣ, Калими Кошонӣ ва дигарон;

- таъйини ҳунари шоирии Ҳасрат дар ашъори татаббуӣ ва нишон додани суннатгароӣ ва навпардозиҳои шоир дар ин гуна ашъор;

- баррасии ҳамсухании Ҳасрат бо шоирони муосир, чун Парии Ҳисорӣ ва таъсирпазирии шоирони дигар аз ашъори ӯ;

- таъйини мақоми Ҳасрати Ҳисорӣ дар таърихи адабиёти тоҷики асрҳои XVIII-XIX.

**Тасвиби кор.** Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (31-уми майи соли 2018, суратҷаласаи №11) ва маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (2-юми январи соли 2019, суратҷаласаи №6,) муҳокима шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Ҷанбаҳои асосии таҳқиқот ва муҳтавои он дар 1 китоб ва 12 мақолаҳои илмӣ ба нашр расидаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар нашрияҳои илмии тахти қайди Коммисияи Олии Аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, чоп шудаанд. Инчунин қисматҳои дигари таҳқиқот дар конфронси байналмилалии факултаи романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (19-20 майи соли 2017), конфронси байналмилалии илмӣ-назариявии факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии славянии Тоҷикистон (26-27 майи соли 2017), конфронси илмии апрелии кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (20-21 апрели соли 2017), конфронси илмии апрелии кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (19 апрели соли 2019) дарҷ гардидаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва китобнома иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 152 саҳифаи компютерӣ аст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ РИСОЛА

Дар **муқаддима** аҳаммият ва зарурати таҳқиқи мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, сарчашмаҳову шеваи таҳқиқ, арзиши назарию амалӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисола муайян карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия **"Муҳити сиёсию адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX"** унвон дошта, ду фаслро дар бар мегирад.

Дар **фасли аввал,** ки*"Вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва адабии замони зиндагии Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ"* унвон дорад, дар асоси омӯзиши дақиқи сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва ҷуғрофии қурунивустоӣ ва асарҳои тадқиқотии донишмандони муосир, вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва адабии асри XVIII-XIX-и водии Ҳисор ва дигар шаҳрҳое, монанди Бухоро, ки Ҳасрати Ҳисорӣ сафар кардааст, нишон дода шудаанд. Барои таъйини вазъи адабии замони зиндагии шоир лозим омад, ки вазъи доираҳои адабии Бухорову Самарқанд ва алалхусус маҳфилҳои адабии музофотҳо чун Кӯлобу Қаротегин, Хуҷанду Истарафшан, Хӯқанду Кеш, Кангурту Дарвоз ва Бадахшону Зарафшон низ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор бигиранд, зеро бидуни баррасии доираи адабии ин водиҳо таҳқиқи ҳаёти адабии водии Ҳисор ва дар маҷмӯъ таърихи умумии адабиёти тоҷик имконнопазир аст.

Баррасии вазъи адабии замони зиндагии Ҳасрат нишон дод, ки ҳавзаи адабии водии Ҳисор дар асри XVIII-XIX аз муҳимтарин доираи адабии Мовароуннаҳр ба ҳисоб рафта, дар рушди раванди адабиёти тоҷик нақши босазо доштааст. Дар натиҷаи таҳқиқот шумораи шоирон ва адибони водии Ҳисор дар ин давра муайян гардид. Парии Ҳисорӣ, Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ, Комили Ҳисорӣ, Фориғ, Ирсӣ, Ғамгин, Банда, Ҷазбӣ, Дабирӣ, Шариф, Хатиб, Бисмил, Холӣ, Ушшоқ, Ишрат, Хиргоҳӣ, Хуррамӣ, Хоҷа Абдураҳим, Хоҷа Самандар, Узро, Мавзун ва даҳҳо нафарони дигар дар шаҳри Ҳисор, ҳам дар дарбори ҳокимони замон ва ҳам берун аз он, дар маҳалҳову мадрасаҳо маҳфилҳои адабӣ меоростанд. Баррасии мавзӯъ

нишон дод, ки баъзе ҳокимони Ҳисор дар таъсиси маҳфилҳои адабӣ ва рушди шеъри тоҷикии форсӣ саҳм гузоштаанд.

Омилҳои асосии равнақи адабиёт дар водии Ҳисор он буда, ки ин водӣ таърихи хеле қадима дошта, аз дер боз ба ҳайси маркази тамаддун, илму ирфон ва санъату адабиёт дар Бухорои Шарқӣ маҳсуб мешуд. Дар баробари шоирону ҳунармандон шахсиятҳои машҳури тасаввуф ва ирфони асримиёнагии тоҷик монанди Махдуми Аъзами Ҳайвақӣ (Хевагӣ), Ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ (халифаи Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанди Бухорӣ), Хоҷа Аҳрори Валӣ (халифаи Мавлоно Яъқуби Чархӣ), Шайх Ҳусайни Хоразмӣ, наберагони Махдуми Аъзам (Хоҷа Аҳмади Косонии Даҳбедӣ, шоир Мавлоно Қабули Бухорӣ) аз ҷумлаи ин нафарон буданд. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ – яке аз пешвоёни тариқати нақшбандия, шоир, арбоби шариат ва раҳнамои роҳи тариқат барои дидорбинӣ бо Мавлоно Яъқуби Чархӣ ба Ҳисор сафар намудааст. Мавлавӣ Сӯфӣ Қаландаршоҳи Валии Қандаҳорӣ – соҳиби “Маъдан-ул-ҳол” низ водии Ҳисорро макони зист қарор дода буд, ки марқадаш дар деҳаи Роҳатӣ воқеъ аст. Дар нимаи дувуми асри XIX дар водии Ҳисор бозорҳои Қаротоғ, Ҳисор, Душанбе, Кофарниҳон ва Файзобод амал мекарданд.

Шаҳри Ҳисор инчунин дорои қорихона (мактаби омӯзиши Қуръон) буд, ки дар он толибилмон Қуръонро меомӯхтанд. Дар мадрасаҳои Ҳисор на танҳо аҳолии ин водӣ, инчунин аз ҳар гӯшаву канори Бухорои Шарқӣ толибилмон дарс мехонданд. Дарвоқеъ, Ҳисор мулки пуриқтидор, шуҳратманди машриқзамин, дорои доираи адабию фарҳангӣ буда, бо аҳли илму адаб ва муассисаҳои фарҳангии худ шуҳрат дошт. Ин ҳама дар ташаккули фардияти Ҳасрати Ҳисорӣ ба сифати як шоири ҳунарманд муассир будаанд.

**Фасли дувуми** боби аввали рисола *“Шоирони ҳамасри Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии ин давра”* номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл ба таври мухтасар перомуни шоирони ҳамасри Ҳасрат ва вижагиҳои адабиёти ин давра сухан меравад.

Дар асрҳои XVIII-XIX водии Ҳисор аз ҷумлаи муҳимтарин маркази адабии Мовароуннаҳр, баъд аз

марказҳои адабии Бухорову Самарқанд ба шумор мерафт. Мадрасаи Кӯҳна, Мадрасаи Нав ва Мадрасаи Сангин аз ҷумлаи муассисаҳои таълимие дар ин водӣ буданд, ки толибилмон аз минтақаҳои гирду атроф ба ин ҷо гирд омада буданд. Муҳаммадризо ибни Оллоҳқулии Хонақоҳӣ, Мирмуҳаммадшариф ибни охунд Мулло Одинамуҳаммади Қаротоғӣ, Мулло Менглибои Ҳисорӣ, Мулло Мирзо Ҳамдами Балхӣ ибни Мулло Абдулвоҳид, Мулло Хоҷабадал ибни Хоҷа Исҳоқи Ҳисорӣ, Мулло Сайидабдунабӣ ал-Ҳисорӣ, Шайх Муҳаммадраҳими Давлат – мулаққаб бо Ҳазрати Бузургвори Элокӣ шоир ва орифи шӯрида, Мулло Абдусалом ибни Мулло Неъматулло ал-Хоразмӣ ал-Хонақоҳӣ, Мирзо Абдуллоҳи Ҳисорӣ, Хоҷа Абдулатифи Ҳисорӣ аз зумраи суханвароне буданд, ки бо ҳунари китобат рӯз мегузарониданд.

Доираи адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX низ дар авҷи нумӯъ буд. Дарбори ҳокимони Ҳисор низ маконе буд, ки шоирону донишмандон ҷамъ меомаданд. Масалан, дар замони ҳокимияти Абдулкаримхон, ки соли 1850 беки Ҳисор тайин шуда буд, шоирони зиёде, монанди Мулло Раҷаби Парӣ, Мулло Эсои Бадахшонии Мавзун, Саидҷон, Тошхоҷаи Ирсӣ, Мирзо Мункӣ ва дигарон ҷамъ омада, маҳфилҳои адабӣ барпо мекарданд. Амирбек Ҳабибов дар ин масъала менависад: «Дар замони ҳоким Абдулкарим шоирони зиёде дар дарбори ӯ ва берун аз он дар деҳа ва қишлоқҳои Ҳисор ба майдони адабиёт омада, як доираи адабии маҳаллии худро ташкил медиҳанд» [10, 7]. Ин маҳфили адабӣ баъд аз қатли Абдулкаримхон пароканда гардид. Баъдан дар замони мирии Яъқуби Кибор ва Сатторқулибӣ ин маҳфили адабӣ аз нав эҳё мегардад.

Асрҳои XVIII-XIX барои доираи адабии Ҳисор яке аз давраҳои пурарзиш маҳсуб меёбад. Дар ин давра суханвароне монанди Мулло Муҳаммад Шарифи Ғамгин, Имомиддини Банда, Мулло Азимқули Холӣ, домулло Ҳоҷимуроди Розӣ, Қозӣ Комили Ҳисорӣ, Музмар, Ҳазини Ҳисорӣ, Бисмили Ҳисорӣ, Хатиби Ҳисорӣ, Мавлоно Ушшоқ Ёвқотчии Ҳисорӣ, Ҷазбӣ, Мавлавӣ Ҷунунӣ ва чандин нафарони дигар ба майдони адабиёт ворид шуданд, ки эҷодиёти ҳар яке шоистаи таҳқиқи ҷудогона аст.

Амирбек Ҳабибов, ки мероси адабии шоирони кӯҳистонро мавриди таҳқиқ қарор додааст, перомуни доираи адабии Ҳисор маълумот дода, робитаи адабии онро бо маркази адабии Бухоро дар асри XVIII-XIX таъкид намудааст. Донишманди номбурда дар китоби “Ганҷи парешон” доир ба 63 шоири кӯҳистон маълумот додааст, ки аз онҳо се нафарашон шоири ҳисорӣ буда, дар асрҳои XVIII – XIX зиндагӣ ва эҷод кардаанд [11, 9]. Дар асари дигараш «Аз ганҷинаи адабии Ҳисор» оид ба 21 нафар шоири ҳисорӣ маълумот дода, ки аз онҳо чаҳор нафарашон шоири асрҳои XVIII – XIX мебошанд [13, 43]. Асари дигари А. Ҳабибов «Мероси адабии шоирони Ҳисор»-ро метавон тазкираи шоирони асрҳои XVIII – XIX номид, зеро дар ин китоб перомуни рӯзгор ва осори 15 нафар шоири ҳисорӣ маълумот дода шудааст. Бино ба таҳқиқи донишманди мазкур «Танҳо дар охирҳои асри XVIII, XIX ва ибтидои асри XX аз сарзамини тоҷикон зиёда аз 400 нафар шоирон дар майдони адабиёт ҳунарнамоӣ кардаанд, ки девони ашъор ва осори дигари адабии аксарияти онҳо дастраси мо шудааст» [11, 6].

Парии Ҳисорӣ, Фориғи Ҳисорӣ, Комили Ҳисорӣ ва Мирзо Мурассаи Ҳисорӣ аз ҷумлаи шоирони баноми асри XVIII-XIX водии Ҳисор мебошанд, ки Ҳасрати Ҳисорӣ бо онҳо дар як давра зиндагӣ карда, рабитаи адабӣ доштааст.

Боби дувуми рисола «**Шарҳи ҳоли Мирзо Ҳасрат ва мероси адабии ӯ**» ном дошта, аз ду фасл иборат аст.

**Фасли аввали** боби дувум *«Шарҳи ҳоли Мирзо Ҳасрат»* ном дошта, дар он рӯзгори шоир мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар ин фасл бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва алалхусус девони шоир шарҳи илмии рӯзгори Ҳасрат муайян шудааст. Аз ҷумла зикр шуда, ки Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ зодаи водии Ҳисор аст, аммо дар масъалаи номи падар, насаб ва кунияти шоир чизе маълум нест. Соҳибони тазкираҳо ӯро бо унвони “Мирзо” ёд кардаанд. Ҳамин қадар маълум аст, ки дар охирҳои асри XVIII дар водии Ҳисор ба дунё омада, дар Бухоро таҳсил намудааст. Соли таваллуди шоир ба таври аниқ маълум нест, вале аз зодгоҳаш Ҳисор борҳо ёд намудааст:

**Ҳамдулиллаҳ дар Ҳисори амн дорам бӯстон,**
**Гулшанободе, ки дорам зулми хореро надид [6, 19].**

Дар бораи рӯзгор ва осори Мирзо Ҳасрат муаллифони баъзе аз сарчашмаҳо, ба монанди Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Мирсиддиқ Ҳашмат ва муҳаққиқон аз ҷумлаи Садриддин Айнӣ, Расул Ҳодизода, Абдусалом Деҳотӣ, Амирбек Ҳабибов ва Шодибек Собирӣ маълумот додаанд. Баррасии маълумоти сарчашмаҳо, асарҳои тадқиқотии донишмандон ва алалхусус ашъори шоир моро ба хулоса овард, ки Ҳасрат бояд солҳои навадуми асри XVIII ба дунё омада бошад. Бо шаҳодати Раҳматуллоҳи Возеҳ дар «Туҳфат-ул-аҳбоб» номи пурраи ӯ Мирзо Олимҷон буда, Ҳасрат тахаллуси адабии ӯст. Ҳасрат дар Ҳисор ба дунё омада, дар ҳамин шаҳр камол меёбад ва барои идомаи таҳсил ба Бухоро меравад. Ӯ дар Бухоро илмҳои мутадовили замони худро фаро гирифта, ҳанӯз дар айёми таҳсил ҳамчун шоир шуҳрат меёбад. Хусусан дар улуми адабия Ҳасрат яке аз фарзонагони доираи адабии Бухоро будааст. Баъди хатми мадрасаи Бухоро ба зодгоҳаш Ҳисор баргашта, фаъолияти эҷодии худро дар доираи адабии Ҳисор идома медиҳад. Дар мавриди шуҳрати шоирии Ҳасрат Амирбек Ҳабибов менависад: «Шуҳрати Мирзо Ҳасрат ва Парии Ҳисорӣ барин шоирон на танҳо дар Бухорои Шарқӣ, балки ба шаҳрҳои марказӣ, ҳамчун Бухорою Самарқанд, Хӯқанду Кобул рафта расидааст, ки ин аз мақоми баланди шоирии онҳо шаҳодат дода, омӯзиши аҳволу ашъорашонро тақозо менамояд» [2, 12].

Шоир зиндагии сангин ва пурҳасрат дошта, ки мероси боқимондааш гувоҳи ин матлаб аст. Ҳасрати Ҳисорӣ аслан бо ҳунари хаттотӣ ва мирзогӣ маоши зиндагиашро таъмин менамудааст. Абдусалом Деҳотӣ дар ин масъала менависад: «Намедонам, калимаи «Мирзо» аз аввал қисми таркибии номаш будааст ё баъдҳо пас аз хатту савод баровардан мирзогӣ карда, ба ин лақаб соҳиб шудааст?» [1, 14]. Ҳасрат дар айни камолоти шоирӣ, тахминан дар синни 36-38 солагӣ ба сабаби беморӣ аз дунё чашм пӯшидааст. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар «Туҳфат-ул-аҳбоб» менависад: «Дар охири умр ба марази барас мубтало шуда, вафот намуд» [4, 55]. Вафоти шоир  ба эҳтимол дар солҳои 20 асри XIX дар Ҳисор воқеъ шудааст.

Шодибек Собирӣ дар асари илмӣ-бадеии худ «Ҳаёти пурҳасрат» рӯзгори шоирро тасвир карда, ки то андозае ба ҳақиқат наздик аст. Бино ба гуфтаи Ш. Собирӣ, марқади шоир дар пастхамии қисми ҷанубии теппакӯҳи «Ғозиён» воқеъ мебошад [16, 32]. Пас аз марги шоир ашъори ӯ бо супориши ҳокими Ҳисор Сӯфибий сӯзонида мешавад, новобаста аз ин амали нобихрадона ашъори парокандаи шоир то ба рӯзгори мо расидааст, ки гувоҳи шоири баркамол будани ӯст.

**Фасли дувуми** боби дувум *«Мероси адабии Мирзо Ҳасрат»* унвон дорад. Дар ин фасл перомуни мероси адабии шоир ва анвои адабии он сухан меравад. Ашъори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ то ба замони мо пурра омада нарасидааст, аммо соҳибдевон будани шоирро байти зер гувоҳ аст:

**Ба дил дорам зи ҷӯши ҷилваи ҳуснаш гулистоне,**
**Мураттаб кардаам аз барги гул авроқи девоне [14, 63].**

Амирбек Ҳабибов дар маҷмӯаи «Мероси адабии шоирони Ҳисор» ашъори шоирони даврони зиндагии Ҳасратро гирд овардааст. Ашъори ҷамъовардашуда аз баёзҳои қаламӣ гирд оварда шудааст. Бино ба таҳқиқи А. Ҳабибов, дар баёзи рақами 10, ки онро Мулло Мирбақои Саҳҳоф соли 1305 ҳиҷрӣ китобат намудааст ва дар Захираи дастхатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз мебошад, 31 ғазалу мухаммаси Мирзо Ҳасрат дарҷ ёфтааст. Муҳаққиқи номбурда ин баёзро сарчашмаи мукаммалтар ва саҳеҳтари ашъори шоир шумурдааст. Сарчашмаҳои асосии ашъори шоироне, ки Амирбек Ҳабибов дар маҷмӯаи номбурда гирд овардааст, баёз, ҷунг, тазкираҳои асри XIX ва ибтидои асри XX ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ мебошанд. Ашъори адибони ин маҷмӯа аз Захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, шӯъбаи Ленинградии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои СССР, китобхонаи оммавии ба номи Салтиков-Шедрин ва собиқ Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Тоҷикистон) мебошанд.

Баррасии баёзу ҷунгҳо, маълумоти сарчашмаҳо ва асарҳои тадқиқотии донишмандон нишон дод, ки то кунун

аз Ҳасрати Ҳисорӣ 93 ғазал (555 байт), 21 мухаммас (302 байт), як мусаддас (21 байт), як маснавӣ (19 байт), 2 рубоӣ (8 байт), порчаи назми титол (38 байт) ва 7 байти ҷудогона ҳамагӣ 1146 байт боқӣ мондааст. Ҳамчунин 2 порчаи мансури бо назм омехта, ки онҳоро «Титол» ё «Татол» ном мебаранд, боқӣ мондааст.

Ҳасрат бо забони ӯзбекӣ низ шеър гуфтааст. Дар китоби «Мероси адабии шоирони Ҳисор» як мухаммас, як ғазал ва як рубоии ӯзбекии Ҳасрат оварда шудааст. Ногуфта намонад, ки дар дастхате, ки дар Захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст, шеърҳои бо забони ӯзбекии шоир мавҷуд нест.

Боби севуми рисола «**Таҳлили мавзӯоти ашъори Мирзо Ҳасрат»** ном дорад, ки дорои чаҳор фасл аст. **Фасли аввали** боби севум «*Мавзӯи ишқ дар ашъори Ҳасрат*» унвон дорад. Дар ин фасл нахуст ба таври мӯъҷаз перомуни мавзӯйи ишқ ва анвоъи он дар адабиёти форсии тоҷикӣ маълумот дода шуда, баъдан нақши он дар ашъори Ҳасрат таҳқиқ мешавад. Аз ҷумла қайд шуда, ки мавзӯи ишқ аз муҳимтарин ва ҷолибтарин мавзӯъҳои ҷовидонаи адабиёт аст. Дар ашъори шоирони Бухорои Шарқӣ низ ин мавзӯъ хеле доман паҳн кардааст ва Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ яке аз шуарои ин водист, ки қисмати зиёди ашъораш ба ин мавзӯъ бахшида шудааст. Ғазал аз роиҷтарини навъи шеърӣ дар адабиёти тоҷикӣ ба ҳисоб меравад ва қисмати асосии ашъори Ҳасратро низ ғазал ташкил медиҳад, ки муҳимтарин мавзӯи он ишқ аст. Дар сурудани мавзӯи ишқ Ҳасрат аслан ҳамон суннатҳои адабиёти классикии форсу тоҷикро идома додааст. Ҳасрат шоирест, ки ғазалҳои ошиқонааш ҳам ба мавзӯи ишқи воқеӣ ва ҳам ба мавзӯи ишқи илоҳӣ бахшида шудааст:

**Эй шӯхчашми нозанин майли ҷафо дорӣ, чаро?**
**Ҷавру ситам бар ҳоли ман з-ин сон раво дорӣ, чаро?**
**[6, 33].**

Ҳамчунин қисмати зиёде аз мухаммасоти шоир низ мавзӯи ишқро дар бар гирифтаанд. Дар шеърҳои ошиқонаи Ҳасрат завқи баланди зебопарастӣ дида мешавад, ки аз табъи баланди ӯ шаҳодат медиҳанд:

**Субҳе зи шавқи оразат рафтам ба боғ, эй симтан,**
**Гулғунча аз ҳиҷрони ту пӯшида аз гул пираҳан,**
**Наргис зи васфи чашми ту бо булбулон дорад сухан,**
**Аз ҳасрати шамъи рухат афтода бар тарфи чаман,**
**Як ҷо сабо, як ҷо хазон, як ҷо гулу як ҷо суман [6, 96].**

Ҳасрат аз ашъори шоирони гузашта ба хубӣ огоҳ буда, ба ғазалҳои баъзе аз онҳо мухаммас бастааст. Гарчанде мухаммасҳои Ҳасрат дар пояи ашъори шоирони пешин нест, аммо дар муқоиса бо шоирони ҳамасраш ва дар баёни мавзӯоти доғи рӯз ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Ҳасрат аз ашъори шоирони гузашта таъсири зиёд бардоштааст ва хусусан дар мавзӯи ишқ ҳамон суннатҳои адабии адабиёти гузаштаро идома додааст.

**Фасли дувуми** боби севум *«Панду ахлоқ дар ашъори Ҳасрат»* ном гирифтааст. Мавзӯи панду ахлоқ низ аз мавзӯъҳои ҷовидонаи адабиёти форсии тоҷикист ва Ҳасрат дар ин масъала низ фаъол аст. Шоир дар шеърҳояш инсонҳоро ба хоксорӣ, некӯкорӣ, хушгуфториву хушкирдорӣ даъват намудааст. Шоир кибру ғурур, такаббур, гурусначашмию тангчашмӣ, нодонӣ, ҳарисию тамаъкорӣ, ҷоҳиливу нотавонбинӣ, дурӯғгӯйӣ, тӯҳмат, хиёнат, тааддӣ ва дигар амалҳои разилона, ки инсонро ба ҳайвон бадал месозад, мазаммат намуда, дар муқобили он хислатҳои накӯи инсонӣ: караму саховат, ҷавонмардӣ, ҳамдилию дастгири бечорагон ва амсоли инҳоро тарғиб намудааст.

Андешаҳои панду ахлоқии Ҳасрат дар партави таълимоти инсонпарварии ӯ сурат гирифтааст. Бино ба андешаи шоир, инсон дар олами мавҷудот беҳтарин мақомро ишғол мекунаду ашрафи махлуқот аст ва аз ин лиҳоз, бояд мартабаву мавқеи худро дар ҷамъият нигоҳ дорад. Салои «**хони дунон**», ки миннат дар пай дорад, инсонро забун месозад. Нобояд аз баҳри луқмаи ноне «**нанги миннат**» қубул кард, балки чун осиё санги қаноат бар дӯш гирифт, то рӯзӣ ба даст овард:

**Салои хони дунон нанги миннатро намеарзад,**
**Ки бояд баҳри нон бар дӯш бори осиё бандӣ [10, 52].**

Ҳасрат чун намоянда ва мафкурабардори аҳли меҳнат ойини сахову ҷавонмардӣ ва муруввати ин тоифаро сутуда,

ахлоқи разили ҳокимон, пастфитративу ҷоҳилӣ, тамаъкорию чоплусии шахсони ҷудогонаро сахт накӯҳиш намудааст. Дар муқобили тамаъу ҳирс ва сифлию ҷоҳталабии аҳли сарвати замон шоир ба аҳли меҳнат, ки зиндагии қашшоқона доштанд, серчашмӣ – ҳимматбаландиро тавсия мекунад. Дар тасвири шоир серчашмӣ, яъне қаноату ҳимматбаландӣ тангдастонро тавонгар мекунад ва ин «**бахри гавҳардор**» (истиора аз серчашмӣ, қаноат) мумро анбар мекунад:

**Серчашмӣ тангдастонро тавонгар мекунад,**
**Мумро ин бахри гавҳардор анбар мекунад [10, 35].**

Мавзӯи панду ахлоқ дар ашъори Ҳасрат доманаи васеъ дорад ва нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки шоир муҳити зиндагӣ ва рӯзгори қашшоқона, аммо сарбаландонаи худро ба ҳайси намуна мавриди тасвир қарор медиҳад. Ҳимматбаландӣ ва накӯкории Ҳасрат мартабаи инсонии ӯро хеле боло мебардорад, симои ӯро чун инсонпарвари бузург дар назари хонанда ҷилвагар месозад:

**Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,**
**Сари селоб бар санг омад аз беҷо давиданҳо [10, 23].**

Инсони дунҳиммати сифла («**нокас**») ҳеҷ гоҳ аз «**болонишастанҳо**», яъне ба мансаби баланд расидану молу сарват ба даст овардан инсон («**кас**») намегардад:

**Ман аз беқадрии хори сари девор донистам,**
**Ки нокас кас намегардад аз ин болонишастанҳо [10, 23].**

Ҳасрат дар ашъори худ расми меҳнатдӯстӣ, ҳимматбаландӣ ва ҷуду сахои шахси худаш ва тоифаи иҷтимоии худ, яъне аҳли меҳнатро дар муқобили пастию дунҳимматӣ «болонишинҳо» мегузорад ва бар он аст, ки аҳли меҳнат «**он ҷо**» (дунёи дигар, охират) назди Офаридгор мақому манзалати баланд («**дастгоҳ**») меёбанд:

**Дар ин ҷо ҳӯ ба меҳнат кун, ки ёбӣ дастгоҳ он ҷо,**
**Бипаймо водии дашти адаб, бишкан кулоҳ он ҷо [6, 27].**

Ҳасрат дар даврае мезист, ки фисқу фасод, бераҳмиву бешафқатӣ, макру фиребу хиёнату ҷаҳолат, беимонӣ, пастию фурӯмоягӣ ҷомеаро фаро гирифта буд ва болонишинҳо ҳеҷ раҳму шафқате ба аҳли меҳнат ва ҳунар надоштанд. Аз ин рӯ, панду насиҳати шоир оҳанги сахту нафратомез дорад, дар он баъзан калимаву ибораҳои дурушту нешдор истифода

шудаанд, ки ба фошгӯйии ҷасуронаи шоир шаҳодат медиҳад. Андешаҳои ахлоқии шоир дар партави андешаҳои инсонпарварӣ ва сӯфиёнаи ӯ баён шудаанд, ки барои ҳимояи табақаи мардуми оддӣ ва пешгирии зулми золимони замон нигаронида шудааст.

**Фасли севуми** боби севуми рисола *«Шикоят ва эътироз алайҳи беадолатиҳои замон, танқиди ҳокимон ва зимомдорони давр»* ном дорад.

Маҳкуми аҳли ҷоҳу сарват ва ҳимояти халқи мазлум яке аз нишонаҳои асосии қувват гирифтани рӯҳияи эътирозӣ дар адабиёти ин давра аст, ки ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ намунаи боризи он мебошад. Шоир золимию хунхорӣ, хасисию бемурувватӣ ва дигар хислатҳои разилонаи аҳли ҷоҳу сарватро фош ва зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Қиёми шоир ба муқобили тӯдаи одамсурати ҳайвонсирати ҳукмрон, пеш аз ҳама, ба ҳаҷви намояндагони ҷудогонаи он сурат гирифта буд. Ҳасрат рафтору кирдори муфтхӯрон, ахлоқи бади онҳо, макру фиреби он тӯдаро омӯхтаву аз он ба танг меомад ва бо як услуби аҷиби ҳаҷвӣ, ки онро «титол» ё «татол» меномид, мазаммату масхара менамуд. Калимаи «титол» маънои «беҳудагӯйӣ ва пургӯйӣ»-ро дорад ва бино ба таъкиди А. Ҳабибов, дар адабиёти форсии тоҷикӣ пеш аз Ҳасрат бо ин услуб каси дигаре шеър эҷод накардааст [2, 214].

Дар ашъори ҳаҷвияи шоир, ки бо номи «титол» ном бурда шуд, ҳокимон, шайхон, муллоён, қозиёни судхӯр ва дигар гурӯҳи мардуми нобакоре, ки бе меҳнат аз ҳисоби халқи заҳматкаш рӯз мегузарониданд, танқид ва масхара карда мешуданд. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки «титол»-ҳои Ҳасрат дар зоҳир қасидаи мадҳиро мемонанд, аммо маънии комилан манфиро доранд:

**Шаҳо, пайтобаи хар бар сарат тоҷи бақо бошад!**
**Ба поят риши лак-лак мӯзаи нашъу намо бошад! [10, 20].**

Ҷойи дигар мегӯяд:

**Эй шоҳ фурӯғи давлати ту лаку пак!**
**Пайваста мададгори ту бошад хару саг! [6, 22].**

Титол дар назари аввал як чизи бемаъно ба назар мерасад, аммо дар асл мазмун ва ғояи хеле баланди киноявии танқидӣ дорад, ки бар зидди намояндагони ҳукмрон нигаронида шудааст. Аз титолҳои Ҳасрат чунин

бармеояд, ки маҳз ҷаҳолату вайронии ахлоқи табақаи ҳукмрон боис гардидааст, ки шоир бо сухани талх ва сахту тунд ин тоифаро зери танқид гирифтааст. Дар тасвири шоир дар замони ӯ «**<u>мӯҳри иззат</u>**» ба дасти Аҳриман аст:

**Саропо ҳайратам аз гардиши ин чархи миноӣ,**
**Ки мӯҳри ҳотами иззат ба дасти Аҳриман дорад**
**[6, 53].**

Аз ин рӯ, дар ин рӯзгори бӯқаламун кулфат насиби инсонҳосту зоғу заған ва аҳримансириштон дар айшу ишратанд:

**Дастам намерасад ба гиребони орзӯ,**
**Зоғон хӯранд меваи шохи баландро.**
**Кулфат насиби мост, ту Ҳасрат, чӣ мекашӣ?**
**Оҳему нолаему фиғонем бандро [6, 34].**

Бояд зикр кард, ки тахаллуси «Ҳасрат»-ро интихоб намудани шоир беҳуда нест, ин тахаллус оинаи тамомнамои рӯзгори пур аз дарду ҳасрати ӯст:

**Ҳасрат аз ҷабри фалак дар меҳнатободи ҷаҳон,**
**Соғаре бар каф хироми гулузореро надид [6, 66].**

Ҳасрат аз ҷабри фалак ва аз толеи бади худ шикоят мекунад, ки фалаки кацрафтор ӯро ба кунҷи танҳоӣ ва хорию зорӣ афкандааст. Шоир ба касалии барас гирифтор мешавад ва ба иғвои рақибони ғоявиаш, ки гӯё ин касали гузарандааст, мардум аз ӯ рӯй метобанд. Шоир маҷбур мешавад, ки дур аз ҷомеа дар гӯшаи танҳоӣ зиндагӣ ихтиёр кунад:

**Кулфатзадаам, соғари ишрат кию ман кӣ?**
**Ранҷури ғамам, бистари роҳат кию ман кӣ?**
**Дар маснади хории ҷаҳон садрнишинам,**
**Искандари фақрам, ғами давлат кию ман кӣ? [6, 133].**

Танқиди замон ва маҳкуми аҳли ҷоҳу сарват дар ашъори шоир бо мақсади ҳимоят аз халқи мазлум сурат гирифтааст.

**Фасли чаҳоруми** боби севуми рисола *«Хусусияти бадеии ашъори Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ»* унвон дорад. Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ шоири ғазалсарост ва қисмати зиёди ашъори ӯро ғазал фаро гирифтааст. Мирзо Ҳасрат ғазалҳои хуби ошиқонаву орифона дорад. Гарчанде Ҳасрати Ҳисорӣ аз пайравони сабки бедилист, аммо дар

муқоиса бо шоирони ин сабк забони нисбатан содаву равон дорад. Далели ин гуфта ашъоре мебошанд, ки пайравӣ аз ғазалҳои Бедил сурудааст. Нахустғазали девони Бедил, ки бо байти зер оғоз мешавад:

**Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлӯи аҷз аст роҳ он ҷо,**
**Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо**
**[2, 160].**

Ҳасрат дар истиқболи ғазали Бедил, ғазали зерро сурудааст:

**Дар ин ҷо хӯ ба меҳнат кун, ки ёбӣ дастгоҳ он ҷо,**
**Бипаймо водии дашти адаб, бишкан кулоҳ он ҷо**
**[6, 27].**

Муқоисаи ин ду ғазал нишон медиҳад, ки ғазали Ҳасрат аз лиҳози ҳунар ба ҳеч ваҷҳ ба пояи ғазали Бедил намерасад, аммо нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст, ки Ҳасрат дар айни пайравӣ ва корбурди калимоту таъбироти ғазали Абулмаонӣ забони содаву равон дорад. Хонанда дар дарки ғазали Бедил душворӣ мекашад, аммо маънии шеъри Ҳасратро ба осонӣ мефаҳмад.

Дар маҷмӯъ Ҳасрат идомадиҳандаи суннатҳои адабии адабиёти классикӣ аст. Ҳасрат ба шоирони бузурги гузашта пайравӣ намуда, табъи худро бо шеъри баланд озмудааст. Аз ҷумла овардани ду қофия дар ҳар байт, ки онро "зулқофиятайн" мегӯянд ва шоирон бештар барои нишон додани ҳунар ба ин кор даст мезананд, дар ашъори Ҳасрат низ ба назар мерасад:

**Оламе равшан шуд аз ҳиҷрони он рафтор тор,**
**Вақти ёрӣ омад, эй мижгони гавҳарбор, бор [6, 70].**

Бояд зикр кард, ки ин ғазали Ҳасрат дар пайравӣ ва истиқболи ғазали шоири маъруфи асри XIV Дарвеш Носири Бухороӣ суруда шудааст. Ҳар ду ғазал дар як вазн (рамали мусаммани маҳзуф – v--/-v--/-v--/-v-)-у қофия суруда шудаанд. Ғазали Носири Бухороӣ бо матлаи зер оғоз мешавад:

**Гар шавад бо ман зи лутф он маҳрухи айёр ёр,**
**Нахли уммеди ман орад дар ҷаҳон ин бор бор**
**[8, 419].**

Ҳасрат дар ин ғазали ҷавобӣ дар тасвироройӣ низ ба Носири Бухороӣ пайравӣ кардааст. Носир мегӯяд:

**Бодаро хуни ҷигар аз лаъли нӯшинаш мудом,**
**Лолазор афканда дар дил аз рухи гулнор нор [8, 419].**

Ҳасрат мегӯяд:

**Бе маи майгун, эй золим ба базми майкашон,**
**Ҷоми биногашта миҷмар бодаи гулнор, нор [6, 70].**

Шоири ҳамасри Ҳасрат Ҷазбии Ҳисорӣ низ бо ҳамин вазну қофия ғазале дорад:

**Эй зи мо бегонаи пайваста бо ағёр ёр,**
**Тири ҳаҷрат карда моро дар дили афгор кор [10, 222].**

Аз хусусиятҳои дигари ашъори шоир корбурди калимаву ибораҳои халқӣ-гуфтугӯӣ мебошад, ки бештар дар титолҳои шоир ба назар мерасад. Ибораву таъбирҳои "**пайтобаи хар**", "**риши лак-лак**", "**мӯзаи нашъу намо**" ва монанди инҳо аз ҷумлаи онҳост:

Шаҳо, **пайтобаи хар** бар сарат тоҷи бақо бошад!
Ба поят **риши лак-лак** **мӯзаи нашъу намо** бошад!
**Ба ҳар ҷониб баҳри ҷанги душман гар шавӣ муфсид,**
**Мададгорат сагу пушту паноҳат гурбаҳо бошад**
**[10, 71].**

Аз мушаххасоти дигари шеваи ашъори Ҳасрат ин аст, ки баъзе абёти ӯ чун зарбулмасал машҳур гаштаву вирди забони мардуманд ва камтар касе медонад, ки он офаридаи табъи Ҳасрати Ҳисорӣ аст.

Аз ҷумла:

**Ман аз беқадрии хори сари девор донистам,**
**Ки нокас кас намегардад аз ин боло нишастанҳо**
**[6, 25].**

Хулоса, Ҳасрати Ҳисорӣ суннатҳои адабии адабиёти классикиро идома дода, масоили доғи замони худро дар ашъораш тасвир намудааст. Гарчанде Ҳасрат аз пайравони сабки бедилист, аммо нисбат ба шоирони ин сабк забони содаву равон дорад.

Дар хулоса натиҷаҳои илмии рисола ба тариқи фишурда оварда шудааст. Аз ҷумала қайд шуда, ки Ҳасрати Ҳисорӣ аз шуарои тирози аввали водии Ҳисор буда, дар рушди адабиёти тоҷик дар ин водӣ саҳми босазо дорад. Зиндагӣ ва фаъолияти адабии ӯ дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX рост меояд. Ҳавзаи адабии водии Ҳисор дар асри XVIII-XIX аз муҳимтарин доираи адабии

Моварounнаҳр ба ҳисоб рафта, дар ин давра шоирону адибони зиёде аз ин водӣ бархоста, дар рушди раванди адабиёти тоҷик нақши муҳим доштааст. Парии Ҳисорӣ, Фориғи Ҳисорӣ, Комили Ҳисорӣ ва Мирзо Мурассаи Ҳисорӣ аз ҷумлаи шоирони баноми асри XVIII-XIX водии Ҳисор мебошанд, ки Ҳасрати Ҳисорӣ бо онҳо дар як давра зиндагӣ карда, рабитаи адабӣ доштааст.

Рӯзгори шоир ба дурустӣ маълум нест. Аз ахбори сарчашмаҳо, маълумоти донишмандон ва алалхусус аз ашъори худи шоир бармеояд, ки дар Ҳисор ба дунё омада, дар Бухоро таҳсил намудааст. Баъд аз хатми мадраса ба ватанаш бармегардад ва ба ҳунари мирзогию хаттотӣ рӯз мегузаронад. Шоир зиндагии фақирона дошта, ба касалии барас гирифтор мешавад ва дар синни 36-38 солагӣ, эҳтимолан дар байни солҳои 1830-32 аз ҷаҳон чашм пӯшидааст.

Ҳасрат худ девонашро мураттаб намуда, вале баъд аз вафоти ӯ бо фармони ҳокими Ҳисор Сӯфибий девони шоир нобуд карда мешавад. Аз муқоисаву муқобалаи нусхаҳои гуногуни ашъори шоир, баёзу ҷунгҳо ва тазкираҳову маҷмӯаҳои шеърӣ 93 ғазал, 21 мухаммас, 1 мусаддас, 1 маснавӣ, 2 рубоӣ, порчаи манзуми "титол" дастрас гардида, ҳамагӣ 1146 байтро ташкил медиҳад. Илова бар ин 2 порчаи мансури омехта ба назми "титол", 1 ғазал, 1 рубоӣ ва 1 мухаммас ба забони ӯзбекӣ ба Ҳасрат нисбат дода шудааст, ки моли ӯ буданашон аз эҳтимол дур нест. Назари интиқодӣ нисбат ба ашъори нашршудаи шоир нишон медиҳад, ки ашъори ин шоири ширинкалом ниёз ба нашри интиқодӣ дорад.

Аз лиҳози мазмуну мундариҷа ашъори Ҳасрат ҳама баёнгари ҷаҳонбинӣ ва ақоиди ирфонию ороиҳои шоиронаи ӯянд. Баррасии ғазалиёти шоир нишон дод, ки Ҳасрати Ҳисорӣ дар эҷоди он аслан суннати ғазалсароии шуарои гузаштаро идома дода ва аз лиҳози сабки шеърӣ пайрави сабки ҳиндист. Ашъори Ҳасрат дорои мавзӯъоти мухталифанд, вале моя ва муҳтавои онро ишқ ташкил медиҳад. Дар ашъори Ҳасрат аз ду ишқ сухан меравад, ишқи ҳақиқӣ-илоҳӣ ва ишқи маҷозӣ-инсонӣ. Ҳасрат мисли шоирони бузурги гузаштаи худ бар он андеша аст, ки камолоти рӯҳӣ ва маънавии инсон танҳо дар партави ишқ ба вуҷуд меояд. Яъне ишқ олитарин василаи таҳаввулу

такомули рӯҳи инсон аст. Маҳз ба туфайли ишқ аст, ки инсон ашрафи махлуқот гардид ва бар олами малакут, фариштагон бартарӣ ёфт. Панду андарз, шикоят ва эътироз алайҳи беадолатиҳои замон низ аз мавзӯъҳои муҳими ашъори шоиранд. Маҳкуми аҳли ҷоҳу сарват ва ҳимояти халқи мазлум яке аз нишонаҳои асосии қувват гирифтани рӯҳияи эътирозӣ дар адабиёти ин давра аст, ки ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ намунаи боризи он мебошад. Қиёми шоир ба муқобили тӯдаи ҳукмрон, этирози ӯ алайҳи зулми золимон ва дифоъ аз мардуми мазлум ба ҳаҷви намояндагони ҷудогонаи зимомдорон бо услуби аҷиби ҳаҷвии «титол» ё «татол» сурат гирифтааст, ки аз мушаххасоти сабки ӯст.

Хулоса, Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ҳамчун шоири намоён ва пешқадами замони худ дорои маънавиёти олӣ, инсонияти баланд ва мавқеи устувори ғоявӣ буда, ба такрор аз озодию бетааллуқии худ аз ҳама чизу ҳама кас, ба ҷуз Худову расул(с) сухан мегӯяд ва алайҳи беадолатиҳои замон садо баланд мекунад. Ӯ ба сифати як ҳунарманди равшангар афкори пешқадаму ақоиди мутараққии замони худро аз мақоми шоири ширинбаён тарғиб менамояд ва дар такомули адабиёти форсии тоҷикӣ дар водии Ҳисор накши босазо гузоштааст.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Абдусалом Деҳотӣ. Куллиёт Ҷилди 5. / Деҳотӣ Абдусалом. –Душанбе: Ирфон, 1966, 472 с.
2. Абибов Амирбек. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ / Амирбек Абибов. –Душанбе: Дониш, 1984. -240 с.
3. Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ. Шоирони Мовароуннаҳр / Хуросонӣ Алӣ Муҳаммад. –Душанбе: Адиб, 2006 -688 с.
4. Возеҳ Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб. (бо хатти форсӣ). /Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ. –Душанбе, 1977, 227 с.
5. Каримов Усмон. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX / Усмон Каримов. Қисми 1. –Душанбе: Дониш, 1974. -188 с.
6. Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ. Маҷмӯаи ашъор. Мураттиб Ҷӯраева Х. Ё. / Ҳасрат Мирзо Олимҷони Ҳисорӣ. –Душанбе: Сифат, 2013. -156 с.
7. Муллоаҳмадов Мирзо. Ҳавзаи адабии Ҳисор ва баъзе аз вижагиҳои он / Мирзо Муллоаҳмадов. // Пайванд, 2010.
8. Носири Бухороӣ. Мунтахаби ашъор. Ахтарони адаб / Бухороӣ Носир. Ҷилди 28. –Душанбе: Адиб, 2016. -480 с.
9. Садриддин Айнӣ. Намунаҳои адабиёти тоҷик / Айнӣ Садриддин. –Сталинобод: Нашр.Дав.Тоҷ, 1940, 637 с.
10. Ҳабибов Амирбек. Мероси адабии шоирони Ҳисор / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Дониш, 1974. -240 с.
11. Ҳабибов Амирбек. Ганҷи парешон / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Ирфон, 1984. -304 с.
12. Ҳабибов Амирбек. Ба дар то мезанӣ дасте / Амирбек Ҳабибов. // Маориф ва маданият. №11 (8714), 27 январи 1968.
13. Ҳабибов Амирбек. Аз ганҷинаи адабии Ҳисор. (Зумраи шуарои қарнҳои XVII-XIX Ҳисори Шодмон) / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе, 1995. -232 с.
14. Ҳасрат Мирзо Олимҷон. Девон. Дастхати охири асри XVIII аввали асри XIX. / Мирзо Олимҷони Ҳасрат, рақами 3296 III, 3296 VIII. 467(30) с.
15. Шодибек Собирӣ. Доираи адабии Ҳисор (аз асри X то аввали асри XX) / Собирӣ Шодибек. –Душанбе: Ашуриён, 2015. -120с.

16. Шодибек Собирӣ. Ҳаёти пурҳасрат (асари бадеӣ-таърихӣ) / Собирӣ Шодибек. –Душанбе: Эҷод, 2008. -56с.
17. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 3. – Душанбе, 2004. -522 с.
18. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 8. –Душанбе, 1988. -592с.

## Мазмуни асосии диссертатсия дар мақолаҳои зерин инъикос шудааст:

### Китоб:

1. Ҷӯраева Х. Ё. Маҷмӯаи ашъори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ / Х. Ё. Ҷӯраева. –Душанбе: Сифат, 2013. -156 с.

### Мақолаҳо:

2. Ҷӯраева Х. Ё. Ҳасрати Ҳисорӣ ва мероси адабии ӯ. / Х. Ё. Ҷӯраева //Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ №4 (47), 2012. –с.217-224.
3. Ҷӯраева Х. Ё. Титол дар ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ. / Х. Ё. Ҷӯраева // Паёми Донишгоҳи миллӣ №4/3, 2017. –с.216-219.
4. Ҷӯраева Х. Ё. Ишқ дар ашъори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва мероси адабии ӯ. / Х. Ё. Ҷӯраева // Паёми Донишгоҳи миллӣ №4, 2017. –с.227-231.
5. Ҷӯраева Х. Ё. Таъсирпазирии Ҳасрати Ҳисорӣ аз ашъори шуарои пешин. / Х. Ё. Ҷӯраева // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. январи 2019.
6. Ҷӯраева Х. Ё. Шоирони ҳамасри Ҳасрат ва муҳити адабии замони ӯ. / Х. Ё. Ҷӯраева //Маҷаллаи илмӣ-омӯзишии муҳаққиқони ҷавони Донишгоҳи Омӯзгорӣ №15 (15), 2016. –с.78-88-224.
7. Ҷӯраева Х. Ё. Ҳасрати зиёди Ҳасрати Ҳисорӣ. / Х. Ё. Ҷӯраева //Маърифати Омӯзгор №11, 2012. –с.58-59.
8. Ҷӯраева Х. Ё. Панду андарз дар ашъори Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ. / Х. Ё. Ҷӯраева //Маҷаллаи илмиву методии «Илм ва инноватсия»-и Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон №3-4, 2016(17). –с.53-58.

9. Ҷӯраева Х. Ё. Нақши мухаммас дар ашъори Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ. / Х. Ё. Ҷӯраева //Российско-Таджикский (Славянский) Университет филологический факультет. Актуальные проблемы филологии. Международная научно-практическая конференция «Актуальные проблемы филологии и лингводидактики». 26-27 майи 2017. –с.161-168.
10. Ҷӯраева Х. Ё. Шоирони муҳоҷири Ҳисори Шодмон. / Х. Ё. Ҷӯраева //Маводҳои конференсияи илмӣ-адабии байналмилалӣ бахшида ба 20-солагии «Рӯзи ваҳдати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бахши робитаҳои адабӣ ва тарҷумашиносӣ. 2017. –с.136-139.
11. Ҷӯраева Х. Ё. Ташаккули адабиёту фарҳанги Ҳисор ва равобити адабӣ миёни кишварҳои Ҳинду Покистон. / Х. Ё. Ҷӯраева //Маводҳои конференсияи илмӣ-адабии байналмилалӣ бахшида ба 20-солагии «Рӯзи ваҳдати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бахши робитаҳои адабӣ ва тарҷумашиносӣ. 2017. –с.139-143.
12. Ҷӯраева Х. Ё. Шикояту эътироз алайҳи беадолатиҳои замон дар ашъори Ҳасрат. / Х. Ё. Ҷӯраева //Маводҳои конференсияи илмии апрелии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. 2018.
13. Ҷӯраева Х. Ё. Хусусиятҳои бадеии ашъори Мирзо Ҳасрат. / Х. Ё. Ҷӯраева //Маводҳои конференсияи илмии апрелии кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба “Соли рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ”. 2019.

**ХУЛОСАИ МУХТАСАРИ(АННОТАТСИЯИ)**
**кори диссертатсионии Ҷӯраева Хубонгул Ёрмаҳмадовна дар мавзӯи «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.**

Рисолаи илмии Ҷӯраева Хубонгул ба таҳқиқи яке аз масоили мубрами илми суханшиносии тоҷик рӯзгор ва осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX бахшида шудааст. Доираи адабии водии Ҳисор баъд аз Самарқанду Бухоро яке аз марказҳои муҳимми адабӣ дар Мовароуннаҳр маҳсуб мешуд ва дар тӯли таърих аз ин водӣ шоирону нависандагон, уламову урафо, хаттотону ҳунармандони касбу пешаҳои мухталиф бархостаанд. Дар асрҳои XVIII-XIX аз водии Ҳисор суханварони зиёде ба майдони адабиёт омадаанд, ки яке аз шоирони номвари ин давра Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ мебошад.

Дар рисола саъй шудааст то заминаҳои фарҳангии замони зиндагии Ҳасрат, проблемаҳо ва мавзӯъҳои асосии адабиёт дар он шаҳру навоҳие, ки шоир зиндагӣ намудааст, иртиботаш бо ҳокимони замон ва робитаҳояш бо шоирони ҳамасраш муайян шавад, то ба ин васила шарҳи илмии рӯзгори шоир ба даст ояд. Барои таъйини мақоми шоир дар таърихи адабиёти тоҷик давраҳои ташаккули шахсияти Ҳасрат ба ҳайси шоири орифи исёнгар, таркиби жанрӣ, мундариҷаи ғоявии ашъори ӯ, сабку услуби эҷод, шеваи хоси суханварӣ, таъсирпазириаш аз шуарои пешин ва ҳамсуханиаш бо муосирин мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Илова бар ин, мундариҷаи ғоявии ашъори Ҳасрат, сабки шеваи сухан ва ҷаҳонбинии ӯ бо шоирони ҳамасраш муқоиса шудааст. Ин ҳама имкон дода, ки муҳити адабии водии Ҳисор дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX муайян шавад ва мақоми Ҳасрат дар таъхрихи адабиёти тоҷикӣ таъйин гардад.

Ҳасрат аслан ҳамон суннатҳои адабии адабиёти классикиро идома дода, аммо дар шеваи сухан пайрави сабки ҳиндист. Илова бар ин, яке аз муҳимтарин навоварии

шоир дар адабиёт ҳамоно ашъори «титол» ё «татол»-ҳои ӯст, ки дар онҳо эътирози шоир нисбат ба вазъи нобасомони замон тасвир шуда, тоифаи ҳукмрон сахт накӯҳиш шудаанд. Дар маҷмӯъ, дар рисола тамоми паҳлӯҳои ҳаёт ва эҷодиёти Ҳасрат ва муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX таҳқиқ гардидааст.

**АННОТАЦИЯ**

**диссертационной работы Джураевой Хубонгул Ёрмахмадовны на тему «Мирзо Олимджон Хасрати Хисори и литературная среда Гиссара XVIII – XIX веков», представленной на соискание учёной степени кандидата филологических наук по специальности 10.01.01 – Литература народов стран зарубежья (таджикская литература).**

Диссертационная работа Джураевой Хубонгул посвящена исследованию актуальной научной темы таджикской литературы - жизни и творчеству Мирзо Олимджон Хасрати Хисори и литературной среде Гисарской долины в XVIII – XIX веках. Литературная среда Гиссарской долины после Самарканда и Бухары занимала одну из центральных мест в Моwароуннахре и внесла большой вклад в развитие литературы. В это время жили и творили многие поэты и писатели, ученые, ремеслиники. В XVIII – XIX веках в Гиссарской долине появилось очень много поэтов, один из известных которых был Мирзо Олимджон Хасрати Хисори.

В диссертации показаны основные этапы жизни и творчества Хасрата, проблемы и основные темы, определены его связи с другими современными ему поэтами. Для определения места поэта в истории таджикской литературы и формирования личности Хасрата исследованы жанровый состав и содержание идей его творчества, его связи и влияние на других поэтов. Также сравниваются содержание творчества Хасрата, его слова и мировоззрение с другими поэтами этого времени. Это позволило выяснить роль литературной среды Гиссарской долины в истории таджикской литературы.

Хасрат продолжает традицию классиков таджикской литературы, но в формировании слова продолжает индийский стиль. Кроме этого, одним из новизн этого поэта в литературе являются его «титол»-ы или «татол», особая стихотворная форма, в которых поэт показывает трудную жизнь народа и критикует верхушку общества.

В диссертации исследованы все стороны жизни и творчества Хасрата и литературной среды Гиссарской долины в XVIII – XIX веках.

## ANNOTATION

**for the thesis of Juraeva Khubongul Yormahmadova on the topic of: «Mirzo Olimjon Hasrati Hisory and literary circle of Hissor in the XVIII-XVIII centuries» presented for degree of candidate of philological Sciences in the specialty of 10.01.01 – Literature of foreign countries (Tajik literature)**

Dissertation paper of Juraeva Khubongul is dedicated to the research of actual scientific theme of Tajik literature regarding the life and work of Mirzo Olimjon Hasrati Hisori and the literary circle of the Hissor valley in the XVIII – XIX centuries. The literary circle of the Hisor valley after Samarkand and Bukhoro is one of the central places in Movarounnahr and in the development of history of this area, and there were many poets and writers, scientists, craftsmen. Many poets have come to the literature from Hisor valley in the XVIII – XIX centuries, and Mirzo Olimjon Hasrati Hisory was one of the famous poets of that time.

The sources of the culture of life of Khasrat, the problems and the main topics in the areas that he lived are specified in the dissertation, and his attitude with other contemporary poets to determine the scientific life of this poet were defined as well as. To determine the place of the poet in the history of Tajik literature and the formation of the personality of Khasrat were researched as a revolutionary poet, the genre composition and content of the idea of his work, his relationship and influence with other poets. The content of Khasrat's creative work and his worldview with other poets of that time are also compared in this

dissertation. This allowed finding out the literary circle of the Hisor valley in the history of Tajik literature.

Khasrat continues the tradition of classics of Tajik literature, but in the formation of the word continues the Indian style. In addition, one of the novelties of this poet in the literature is his work "titol" or "tatol", in which the poet shows the difficult life of the people and criticizes the rule of society.

In conclusion, all aspects of life and work of Khasrat and the literary circle of Hissor valley in the XVIII – XIX centuries were researched in this thesis.